# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм**

**Парвандаи аттестатсионии №_________**

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 15 июни соли 2023, № 36 дар бораи сазовор донистани Қурбонализода Нурулло Шамсулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Қурбонализода Нурулло Шамсулло дар мавзуи «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ санаи 7 марти соли 2023 (суратмаҷлиси №27) аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ шудааст) қабул карда шуд.

**Довталаби дараҷаи илмӣ:** Қурбонализода Нурулло Шамсулло 17 марти соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) таваллуд шудааст. Вай соли 2010 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намуда, солҳои 2010-2011 лаборанти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ, солҳои 2011-2015 ассистент ва аз соли 2017 то ҳол дотсенти ҳамин кафедра мебошад, солҳои 2015-2017 муовини декани факултети ҳуқуқшиносӣ, солҳои 2017-2018 сардори раёсати илм ва навоварии техникии ДМТ фаъолият намудааст. Аз соли 2018 то соли 2020 ба ҳайси сармутахассиси раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз соли 2020 то соли 2022 мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз 23-юми июни соли 2022 то моҳи феврали соли 2023 ба ҳайси декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иҷрои вазифа намудааст.

Аз 13-уми феврали соли 2023 то ҳол Роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе мебошад.

Соли 2014 дар Шурои муттаҳидаи диссертатсионии ДМ 737. 004. 08 дар мавзуи «Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои иттилоотии граждании кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» диссертатсияи худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дифоъ намудааст.

**Мавзуи диссертатсияи** доктории ӯ бо Қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 1-уми июли соли 2015, № 11 (15-16) тасдиқ шудааст. (Бояд қайд намуд, ки мавзуи рисолаи доктории Қурбонализода Н.Ш. бо қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 1-уми июли 2015, №11(15-16) таҳти унвонӣ: «Мушкилоти вазъи ҳуқуқии граждании шахсони воқеӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шуда, санаи 14-уми ноябри соли 2022, №3 бо қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номи он ба «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шудааст).

Диссертатсияи унвонҷуй дар мавзуи «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; хуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иҷро гардидааст.

**Мушовири илмии** унвонҷӯй Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯй дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳимоя ва экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия дода шудааст (аз 12 декабри соли 2022, № 4.).

Диссертатсияи унвонҷӯй 11 январи соли 2023 дар ҷаласаи шурои (семинари) илмии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима карда шуда, ба ҳимоя пешниҳод гардид.

**Муқарризони расмӣ:** Исмоилов Шавкат Маҳмудович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи молиявӣ, иқтисодӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон, Носиров Хуршед Толибович – доктори илмҳои

ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии МБТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон»; Раупова Манзура Турсуновна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар маҷмуъ тақризи муассисаи пешбар мусбӣ мебошад. Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби У.А. Меликов - иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (ихтисосаш: 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) таҳия гардида, дар маҷлиси кафедра (аз 20 майи соли 2023, суратмаҷлиси № 10) ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар он қайд карда мешавад, ки диссертатсияи Қурбонализода Нурулло Шамсулло дар мавзуи «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия аз ҷониби унвонҷуй мустақилона навишташуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Дар матни он меъёрҳои қоидаи имлои забони тоҷикӣ ва одоби илмӣ риоя карда шудааст. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асарҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои сатҳи гуногун саҳми шахсии муҳаққиқро муаррифӣ мекунад.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо назардошти талаботҳои б. 67-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ интихоб ва таъин шудаанд. Интихоби онҳо бо он асоснок мебошад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси зикршуда дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмии онҳо ба масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ робита доранд.

Унвонҷӯй муаллифи асарҳои зиёди илмӣ ва таълимӣ мебошад, ки дар онҳо ҷиҳатҳои норавшанӣ масоили субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ ҳалли худро пайдо кардаанд. Масалан, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ 20 мақола ба чоп расида, оид ба масъалаҳои баёнгардида 2 монография интишор гардид, ки яке 9, 75 ҷ.ч. ва дигараш 13, 5 ҷ.ч. мебошанд.

Ҳамчунин муаллифи 1 китоби дарсӣ, 9 воситаи таълимӣ ва 18 мақолаҳои илмие мебошад, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, масъалаҳои таҳлилшуда ба мавзуи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Ҳамин тавр, ҳаҷми умумии интишороти унвонҷӯй зиёда аз 100 ҷузъи чопӣ мебошад.

**Интишороти муҳимми унвонҷӯй аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

**I. Монографияҳо:**

1. Курбоналиев, Н.Ш. Проблемы защиты гражданских информационных прав ребенка в Республике Таджикистан: монография [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 156 с. (9, 75 п. л.). –ISSN: 978-99975-0-008-3.

2. Қурбонализода, Н.Ш. Вазъи ҳуқуқи граждании шахсони воқеӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 216 с. (13, 5 ҷ. ч.). – ISSN: 978-99985-62-81-3.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои такризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

3. Курбоналиев, Н.Ш. Судебная защита гражданских информационных прав ребенка [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – № 3/3(87). – С. 111-116. (0,31 п. л.). – ISSN: 2074-1847.

4. Курбоналиев, Н.Ш. Некоторые вопросы защиты гражданских информационных прав ребенка [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник Российской правовой академии. – 2013. – № 1. – С. 28-30. (0, 12 п. л.).

5. Курбоналиев, Н.Ш. Обязательство родителей по воспитанию ребенка и пресечения распространения вредоносной информации [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – № 3/1(128). – С. 98-104. (0, 37 п. л.). – ISSN:2074-1847.

6. Курбонализода, Н.Ш. Права ребенка на охрану здоровья в Республике Таджикистан [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 2/7(178). – С. 273-277. (0, 25 п. л.). – ISSN:2413-5151.

7. Курбонализода, Н.Ш. Право на жизнь как личное неимущественное права в составе гражданской правоспособности физических лиц [Текст] /

Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/7. – С. 194-199. (0, 31 п. л.). – ISSN:2413-5151.

8. Курбонализода, Н.Ш. Регламентация категории «правосубъектность» в современном праве [Текст] / Н.Ш.Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/5, ч.2. – С. 195-199. (0, 25 п.л.). – ISSN:2413-5151.

9. Курбонализода, Н.Ш. Формирование института правосубъектности граждан в отечественном правопорядке [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/4 ч.1. – С. 217-225 (0, 5 п.л.). – ISSN:2413-5151.

10. Курбонализода, Н.Ш. Роль института опеки, попечительства и патронажа в механизме реализации дееспособности физических лиц [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/8. – С. 186-192. (0, 37 п. л.). – ISSN:2413-5151.

11. Курбонализода, Н.Ш. Возникновение и прекращение правоспособности физических лиц: новые аспекты [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/10. – С. 214- 218 (0, 25 п. л.). – ISSN:2413-5151.

12. Курбонализода, Н.Ш. Содержание гражданской правоспособности и его новеллизация в действующем законодательстве [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/6. – С. 188-192. (0,25 п.л.). – ISSN:2413-5151.

13. Курбонализода, Н.Ш. Дееспособность несовершеннолетних лиц: понятие, дифференциация и трансформация [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2018. – №1(37). – С. 142-149 (0, 43 п. л.). – ISSN: 978-99947-738-0-0.

14. Курбонализода, Н.Ш. Некоторые проблемы право собственности граждан Таджикистана [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Правовая жизнь. – 2018. – №2(22). – С.192-199. (0, 43 п.л.). – ISSN: 2307-5198.

15. Қурбонализода, Н.Ш. Баъзе масъалаҳои қобилияти амалкунии граждании шахсони воқеӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №6, қ. 2. – С. 171-176. (0,31 ч. ч.). – ISSN:2413-5151.

16. Курбонализода, Н.Ш. Гражданско-правовое положение недееспособных и ограниченно дееспособных лиц по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №7. – С. 198-203. (0, 31 п. л.). – ISSN:2413-5151.

17. Курбонализода, Н.Ш. Личные неимущественные права недееспособных и ограниченно дееспособных лиц: теоретическо - правовой анализ [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Государствоведение и права человека. – 2018. – №2(10). – С.72-78. (0,37 п. л.). – ISSN:2414 9217.

18. Курбонализода, Н.Ш. Регламентация категории «правосубъектность» в современном праве [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Государствоведение и права человека. – 2018. – №2(10). – С. 83-91. (0, 5 п. л.). – ISSN:2414 9217.

19. Курбонализода, Н.Ш. О вопросах правосубъектности иностранных граждан в Республике Таджикистан [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №1. – С. 182-187. (0, 31 п. л.). – ISSN:2413-5151.

20. Қурбонализода, Н.Ш. Баъзе хусусиятҳои қобилияти амалкунии хурдсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №3, қ.2. – С. 199-204. (0, 31 ҷ. ч.). – ISSN:2413-5151.

21. Қурбонализода, Н.Ш. Баъзе масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдории ноболиғон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №4(32). – С. 151-158. (0,43 ҷ. ч.). – ISSN: 2307-5198.

22. Қурбонализода, Н.Ш. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқи истисноӣ ба асар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода, Ш.К. Ғаюрзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №3(39). – С. 152-160 (0, 5 ҷ. ч.). – ISSN: 2307-5198.

**III. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

23. Курбоналиев, Н.Ш. Общая характеристика правоспособности ребенка в информационной сфере [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2011. – № 1. – С. 166-172. (0, 37 п.л.).

24. Курбоналиев, Н.Ш. Общие вопросы гражданской правоспособности ребенка [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Государство и право. – 2012. – № 3. – С. 72-75. (0,18 п.л.).

25. Қурбоналиев, Н.Ш. Масъалаҳои имплементатсияи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои кӯдак [Матн] / Н.Ш. Қурбоналиев // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ – амалӣ бахшида ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / Фонди ба номи Фридрих Эберт. – Душанбе, 2012. – С. 103-108. (0,31ҷ.ч.).

26. Курбоналиев, Н.Ш. К вопросу об источниках права ребёнка на информацию [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник университета

(Российско – Таджикский славянский университет). – 2012. – № 3(38). – С. 37-43 (0,37 п.л.). – ISSN:2077-8325.

27. Курбоналиев, Н.Ш. Некоторые вопросы защиты гражданских информационных прав ребёнка [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник Российской правовой академии. – 2013. – № 1. – С. 28-30 (0,12 п.л.).

28. Қурбоналиев, Н.Ш. Ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқи кудак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Қурбоналиев // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Инкишофи падидаи конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон» // зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Диноршоев А.М. – Душанбе: Голд-принт, 2014. – С. 165-169. (0,25 ҷ.ч.).

29. Қурбоналиев, Н.Ш. Хешу таборӣ ва ақрабоӣ: проблемаҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳои ислоҳ намудани он [Матн] Н.Ш. Қурбоналиев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2014. – №3(07). – С. 133-141. (0,5 ҷ.ч.). – ISSN: 2307-5198.

30. Қурбонализода, Н.Ш. Иҷлосияи таърихии XVI – заминаи асосии таҳкими давлатдории навини тоҷикон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи: «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози XVI – Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ». – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С.87-91. (0,25 ҷ.ч.).

31. Курбонализода, Н.Ш. Становление концепции правосубъектности физических лиц в гражданском праве [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Правовая жизнь. – 2017. – №2(18). – С. 132-141 (0,56 п. л.). – ISSN: 2307-5198.

32. Курбонализода, Н.Ш. Некоторые вопросы защиты прав ребенка в Республике Таджикистан [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Правовая жизнь. – 2016. – №1(13). – С.142-146. (0,25 п.л.). – ISSN:2307-5198.

33. Курбонализода, Н.Ш. Нематериальные блага в составе гражданской правосубъектности физических лиц [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник университета (Российско – Таджикский славянский университет). – 2017. – № 4(60). – С. 77-83. (0,37 п.л.). – ISSN: 2077-8325.

34. Курбонализода, Н.Ш. Дискуссионные вопросы понятие гражданской правосубъектности [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. – №3. – С. 163-171. (0, 5 п.л.). – ISSN:0235-005X.

35. Қурбонализода, Н.Ш. Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи граждани будани ноболиғон дар фаъолияти соҳибкорӣ: таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Маводи конференсияи байналмилалии

илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва 70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2018. – С. 55-61. (0,37ҷ.ч.).

36. Қурбонализода, Н.Ш. Баъзе масъалаҳои субъекти ҳуқуқ будани кудак дар фаъолияти иттилоотӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 125-130. (0,31ҷ.ч.). – ISBN:978-99975-77-22-1.

37. Kurbonalizoda, N.Sh. Some problems of exclusive rights to the results of intellectual activity [Text] / N.Sh. Kurbonalizoda // Правосудие и правоохранительная деятельность: законодательство и правоприменение. Сборник научных трудов. – Минск. «РИВШ»-2019. – С. 160- 164. (0, 25 п.л.). –ISBN:978-985-586-209-4.

38. Қурбонализода, Н.Ш. Рушди қонунгузории манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Монография бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатӣ дар мавзуи «30 соли истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон». – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 445-451. (0,37 ҷ. ч.).

39. Қурбонализода, Н.Ш. Вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон (ба ҷои пешгуфтор) [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ // зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 7-8. (0,12 ҷ.ч.).

40. Қурбонализода, Н.Ш. Нақши инсон дар танзими ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ // зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 51-55. (0,25 ҷ.ч.).

**IV. Китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ:**

41. Қурбоналиев, Н.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 2: китоби дарсӣ. [Матн] / Н.Ш. Қурбоналиев // Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проф. Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Эр-Граф, 2014. – 424 с. – Бобҳои 10-11. – С. 165-181. (0,93 ҷ. ч.).

42. Қурбоналиев, Н.Ш. Ҳуқуқи румӣ: воситаи таълимӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбоналиев, Ш.К. Бадалов, И.Ғ. Ахмадҷонов. – Душанбе: Матбааи ДМТ. 2013. – 112 с. (7 ҷ.ч.).

43. Қурбоналиев, Н.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 1: воситаи таълимӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбоналиев, Б.Р. Расулов, Ш.К. Бадалов, И.Ғ. Ахмадҷонов. – Душанбе: Эр-Граф, 2013. – 336 с. (21 ҷ.ч.).

44. Қурбонализода, Н.Ш. Ҳуқуқи манзил: воситаи таълимӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2015. – 256 с. (16 ҷ. ч.).

45. Курбонализода, Н.Ш. Гражданское право: в схемах: часть 1. [Текст] / Н.Ш. Курбонализода, Ф.А. Касимов, Х.М. Садов. – Душанбе: Эр-Граф, 2015. – 352 с. (22 п. л.).

46. Қурбонализода, Н.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 1: дар нақшаҳо. [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода, Ҳ.М. Саидов. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 436 с. (27, 25 ҷ.ч.). – ISBN: 978-99975-48-40-5.

47. Қурбонализода, Н.Ш. Хешу таборӣ ва ақрабоӣ дар ҳуқуқи оила: воситаи таълимӣ. [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода. – Душанбе: Промэкспо, 2015. – 77 с. (4, 81 ҷ. ч.). – ISBN: 978-99975-930-7-8.

48. Қурбонализода, Н.Ш. Ҳуқуқи манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ. [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода. – Душанбе, 2016. – 264 с. (16, 5 ҷ. ч.).

49. Қурбонализода, Н.Ш. Ҳуқуқи уҳдадорӣ: воситаи таълимӣ. [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода, Ҳ.Н. Ҳиматов, М.М. Соҳибов, Ҳ.М. Саидов, Д.Г. Хоҷамуродов, Ҳ.З. Бобохонов. – Душанбе: Сино, 2016. – 160 с. (10ҷ.ч.). –ISBN: 978-99975-502-00.

50. Қурбонализода, Н.Ш. Ҳимояи судии ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ: воситаи таълимӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода, Б.Т. Худоёрзода // зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проф. Ғаюров Ш.К. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – 128 с. (8 ҷ.ч.).

Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди ДМТ аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо ба автореферати диссертатсия пешниҳод шудаанд: **Ягмур Мамижикович Нуриев** – директори Институти давлат, ҳуқуқ ва демократияи Туркманистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор; **Анатолий Григоревич Диденко** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори донишгоҳи ҷамъиятии Каспий (Қазоқистон) ва **А. Гайдаш** – магистри ҳуқуқ, сенёр – лектори ҳамин донишгоҳ; **Тағоева Санавбар Нарзиқуловна** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкории Донишгоҳи

идоракунӣ «ТИСБИ» (Тотористон, Россия), **Серова Олга Александровна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва мурофиаи гражданӣ, ноиби аввали ректори Донишгоҳи давлатии Псков (Россия); **Раҷабзода Равшан** – Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.

Ҳамаи муқарризон дар маҷмуъ таҳқиқоти анҷомдодаро мусбӣ арзёбӣ кардаанд. Ҳамзамон дар баъзе тақризҳо, ба ғайр аз тақризи Ягмур Мамижикович Нуриев, баъзе эродҳо ба назар мерасанд. Эродҳо ба назари унвонҷуй оид ба унсурҳои умумӣ ва махсусӣ қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони воқеӣ, мазмуни чунин қобилият, воситаҳои фардикунонии шахсони воқеӣ ва дигар андешаҳои унвонҷуй равона шудаанд. Аз унвонҷуй оид ба масъалаҳои озодшавӣ аз қобилияти ҳуқуқдорӣ, мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории маданӣ, субъекти ҳуқуқи маданӣ будани робот ва ё дигар шакли зеҳни сунъӣ, аҳаммияти ҷойи фаъолият, робитаи зарар ва моликияти истеъмолкунандагон ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дигар ҷиҳатҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ савол додаанд. Баъзе муқарризон хоҳиш намудаанд, ки навгонии баъзе нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар Шурои диссертатсионӣ асоснок карда шаванд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки унвонҷуйи дараҷаи илмӣ дар асоси анҷом додани таҳқиқоти мазкур:**

– Субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахси воқеӣ таърихи худро дорад. Аз давраҳои қадим мазмуни қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахси воқеӣ аз маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии ӯ иборат буд. Омилҳои миллӣ, ҳолати иҷтимоӣ, оилавӣ ва моддӣ ва ғайра ба он таъсир доранд. Даврҳои гуногуни ҳуқуқ ва давлати тоҷикон исбот менамояд, ки ҷараёнҳои гуногуни ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) натавонистанд фарҳанги миллӣ, забони тоҷикӣ, урфу одатҳо ва дигар арзишҳои миллиро азбайн баранд.

– Инсонро субъекти ҳуқуқ эътироф карда, вазъи ҳуқуқӣ, мавқеи шаҳрванд дар ҷомеа, муносибати ӯ ба неъматҳои асосии иҷтимоии ҷомеа, ҷойгоҳеро нишон медиҳад, ки дар механизми иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа инсон маҳаки асосӣ мебошад. Мавқеи шаҳрванд дар ҷомеа аз ҷониби давлат ба воситаи эътирофи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои устувор ва имконияти амалисозии он, яъне бо роҳи муайянсозии ҳуқуқи субъективии онҳо кафолат дода мешавад.

– Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ аз унсурҳои умумӣ ва махсус иборат аст. Унсури асосии қобилияти ҳуқуқдорӣ худи ҳуқуқ ва

унсури дигар қобилияти инсонӣ (ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва маънавӣ) мебошанд. Ҳуқуқ ва қобилияти инсонӣ ба ҳамаи субъектони ҳуқуқи мадани хос нест. Маҳз ин ду унсур барои ба вуҷуд омадани қобилияти амалкунӣ замина мегузоранд. Робот ва ё дигар шакли зеҳни сунъӣ инсонро иваз карда наметавонанд, гарчанде ихтирокорон барои субъекти ҳуқуқи маданӣ эътироф намудани онҳо кушишҳои зиёд карда истодаанд. Оқибати идоранашаванда будани ба вижа «субъектони нав» ва дигар ҳолатҳои номатлуб (ба робот гузоштани ном ва симои инсонӣ, дастрасӣ ба маълумотҳои шахсӣ ва ғайра.) масъулияти позитивӣ ва негативии ихтирокорон ва сармоягузорони онҳо мебошад.

– Манзили истиқоматии шахс дахлнопазир аст. Ба он зӯран даромадан, яъне бидуни розигии соҳиби он вориди ҳуҷра дар биноҳои бисёрошёна ва ё хона шудан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст. Агар манзили истиқоматӣ ба гарав монда шавад, бо таъқиботи ҷиноятӣ алоқаманд бошад, ба меъёрҳои муқарраршуда ҷавобгӯй набошад, ҳангоми ҳолатҳои саддамавӣ, сухтор ва дигар ҳолатҳои хавфнокии оммавӣ (қ. 3 м. 253 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон), шахсони мансабдори мақомоти ваколатдор метавонанд бе санксияи прокурор ё санади судӣ ба чунин манзил ворид шаванд. Агар манзили истиқоматӣ ё қисми он барои амалӣ намудани соҳибкории инфиродӣ истифода гардад, шахсони мансабдори мақомоти андоз, гумрук, прокуратура ва дигар мақомоти ваколатдор метавонанд бидуни мувофиқагардонии иловагӣ вориди чунин манзили истиқоматӣ шаванд.

– Дар қ. 2 м. 18 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки «Қобилияти ҳуқуқдории мадании шахси воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада, ҳангоми вафоташ қатъ мегардад». Инсон ҳамчун шахси воқеӣ аз қобилияти ҳуқуқдорӣ озод мешавад, агар вафот намояд. Вафот намудани инсон маънои мурдан, фавтидани онро дорад. Марг – қатъшавии ҳаёти инсон, нестшавии ҷараёнҳои биологӣ ва функсионалии амали ҳаётии инсон мебошад. Одатан қатъшавии ҳаёти инсонро ҳодисаи объективӣ, аз ирода ва хоҳиш ӯ новобаста меноманд. Вале назарияи позитивии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ эътироф менамояд, ки марг ногузир нест, чунки инсон ҳуқуқ ба ҳаёт дорад. Инсон қодир аст худро аз марг наҷот диҳад, ё тибқи қонунгузории ШМА, Британия Кабир, Франсия ва дигар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон дар ҳолати вазнини маризӣ дар беморхона аз табиби худ доруе талаб намояд, ки ӯро ба марг мерасонад.

– Имзои шахси воқеӣ яке аз воситаҳои амалӣ намудани ҳуқуқ ба фардият мебошад (м. 245 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Аз ҷониби дигар тағйирёбанда будани ном ва имзои шахси воқеӣ бо риояи

талаботҳои маъмурии мақомоти Сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хадамоти шиносномавии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти фардикунонии онҳоро азбайн намебарад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда шудааст, ки:**

– таҳлили масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ фаҳмиши падидаи шахсони воқеӣ, мазмуни қобилияти ҳуқуқдории маданӣ, ном ва имзои шахсони воқеӣ, маҳалли истиқомати шахсони воқеӣ, қобилияти амалкунии онҳо, соҳибкории инфиродии шахсони воқеӣ ва дигар масъалаҳои ба он алоқамандро такмил дода, ҷиҳатҳои норавшани онро азбайн мебарад;

– дар масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ падидаи «ҷойи фаъолияти шахсони воқеӣ» ворид карда шуд. Ҷойи фаъолияти шахсони воқеӣ дар шароити ба муомилот баровардани манзили истиқоматӣ, масалан ба мағоза ё нуқтаи хизматрасонии музднок табдил додани он дар танзими ҳуқуқи маданӣ ба баҳои ҳуқуқӣ ниёз дорад. Ба назари мо «ҷойи фаъолияти шахси воқеӣ» маҳалле мебошад, ки субъекти мазкур дар он ҷо ба таври доимӣ фаъолият мекунад. Ин ҷой дар танзими ҳуқуқӣ метавонад дар як маврид ҷойи истиқомати шахси воқеӣ бошад. Чунин ҳолат дар қ. 3 м. 9 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст. Истифодабарии манзили истиқоматӣ ё қисми он барои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ аз ҷониби шахсоне, ки дар он истиқомат доранд, бо розигии соҳибмулкон ва истиқоматкунандагони манзили мазкур иҷозат дода мешавад, агар он ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони дигар ва талаботҳое, ки манзили истиқоматӣ бояд ҷавобгар бошад, вайрон накунад.

– натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур барои таҳқиқоти минбаъдаи субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ, татбиқи дурусти эмансипатсия, такмили васоят ва парасторӣ ва дигар воситаҳои ҳимояи манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ замина мегузорад.

**Вазъи субъектони ҳуқуқ** дар асарҳои С.С. Алексеев, М.М. Агарков, У.А. Азиззода, С.Н. Братус, Ю.Г. Басин, К.М. Беликова, И.Х. Бобоҷонзода, Я.Р. Веберс, Е.В. Васковский, К.В. Витрук, Л.Ю. Голишева, И.К. Городетский, Ш.К. Ғаюрзода, Н.М. Ершова, А.В. Золотухин, О.С. Иоффе, Ш.М. Исмоилов, Н.М. Имомова, С.Ф. Кечекян, Л.И. Комаровский, Қ.Ш. Қурбонов, Д.И. Мейер, М.Н. Марченко, Н.С. Малеин, Ш.М. Менглиев, М.А. Маҳмудзода, Ҷ.С. Муртазозода, В.С. Нерсесянс, Э.С. Насриддинзода, В.А. Ойгензихт, В.А. Рибаков, Д.С.

Раҳмон, В.И. Синайский, М.К. Сулейменов, Е.А. Суханов, Ю.К. Толстой, Ш.Т. Тағойназаров, О.У. Усмонов, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон таҳлил шудаанд.

Диссертатсияи мазкур бо асарҳои болозикр алоқамандӣ дорад. Вале дар он бо услуби хоси таҳқиқот, инъикости воқеии ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии Тоҷикистон, масъалаҳои нави танзими ҳуқуқи мадании субъект будани шахсони воқеӣ ва таҳлили амалӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:**

– пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар бахши алоҳида муқаррар гардида, барои такмили минбаъдаи вазъи субъекти ҳуқуқи мадани будани шахсони воқеӣ равона шудаанд;

– хулоса ва андешаҳои унвонҷуй аз таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба вуҷуд омада, барои такмили ҳуҷҷатҳои барномавии мақомоти судӣ, прокуратура, мақомоти адлия ва дигар субъектони фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ замина мегузоранд;

– хулоса ва андешаҳои унвонҷуй бо амалияи таълимоти ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои илмию омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ алоқаманд буда, барои такмили нақшаҳои таълимӣ, услуби ташкили корҳои илмӣ ва такмили методикаи таълими фанҳои «Ҳуқуқи гражданӣ», қисмҳои 1, 2, 3, «Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва курсҳои махсус замина мегузоранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:**

– Аз ҳастии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши дастовардҳои мактабҳои илмии ҳуқуқшиносии ватанию хориҷӣ ва таҳлили илмию амалии қонунгузории миллӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва дигар ташаббусҳо ба вуҷуд омадаанд ва дар шароити кишвар татбиқшаванда мебошанд;

– Заминаҳои эмпирикии диссертатсияро маводҳои чопшудаи амалияи Суди Олии ҶТ ва дигар судҳо, амалияи маҳдудсозӣ ва вайроншавии қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ ва дигар манбаҳои иттилоотию таҳлилӣ ташкил медиҳанд.

**Саҳми шахсии унвонҷуй.** Унвонҷуй ба масъалаҳои мураккаби субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ мустақилона ибрози назар намуда, консепсияи худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Дар диссертатсия моҳияти қобилияти ҳуқуқдорӣ, мазмуни он, маҳалли истиқомати шахси воқеӣ, қобилияти амалкунии ин шахс ва дигар

масъалаҳои ба он алоқаманд мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ гардидааст. Дар ин асос амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва амалияи таълимии масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ таҳлил шудааст, ки барои фаъолияти илмӣ - омӯзгорӣ ва баланд бардоштани сифати он муҳим мебошад. Оид ба масъалаҳои дар боло зикршуда дар чандин чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун баромад намуда, ҳангоми дар вазифаи мудири шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ будан оид ба лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ хулосаҳои ҳуқуқӣ пешниҳод намудааст. Муаллифи асарҳои зиёди илмию таълимӣ оид ба мавзуи интихобкардааш мебошад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 15 июни соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Қурбонализода Нурулло Шамсулло дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 14 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор: Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент: Назаров А.Қ.**

15 – уми июни соли 2023